# ҚАРОРИ
мачлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-065
назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур

аз 06 - уми майи соли 2023 шаҳри Душанбе

Баъд аз шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Шакаров Нодирҷон Ҷамшедович дар мавзуи «Усулҳои парвариши шолии ангорӣ дар дар шароити ҷанубу ғарбии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01- Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ, тақризи роҳбари илмӣ, доктори илмҳои кишоварзӣ, профессори кафедраи растанипарварии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур Маҳмадёрзода Усмон Маъмур, тақризи муассисаи пешбар - Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, баромади муқарризи расмӣ, доктори илмҳои кишоварзӣ, мудири шуъбаи зироатҳои равғандиҳандаи Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон Нарзулоев Тош Садулоевич, тақризи муқарризи расмӣ, номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсенти кафедраи агроэкология, механиконӣ ва технологияҳои кишоварзии Донишгоҳи давлатии Данғара Расулзода Бахтиёр Раҳмонбердӣ, инчунин баромади муқарризони ғайрирасмӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: доктори илмҳои кишоварзӣ Саидзода С.Т., доктори илмҳои кишоварзӣ Салимзода А.Ф., доктори илмҳои биологӣ Гулов С.М., доктори илмҳои кишоварзӣ Сардоров М.Н., доктори илмҳои кишоварзӣ Норов М.С. дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи Шурои диссертатсионӣ оид ба кори диссертатсионии Шакаров Нодирҷон Ҷамшедович дар мавзуи «Усулҳои парвариши шолии ангорӣ дар дар шароити ҷанубу ғарбии Тоҷикистон», бо дарназардошти мубрамияти мавзуъ, коркарди илман асоснокшуда, навгонӣ, аҳамияти натиҷаҳо ва хулосаҳои диссертатсия, Шурои диссертатсионӣ

ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Шакаров Нодирҷон Ҷамшедович дар мавзуи «Усулҳои парвариши шолии ангорӣ дар дар шароити ҷанубу ғарбии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияҳои номзадӣ тибқи “Низомномаи Шурои диссертатсионӣ” ва “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент ва профессор)”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.
2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамоянд.
3. Ба Шакаров Нодирҷон Ҷамшедович дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ дода шавад.
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори мазкури Шурои диссертатсиониро тасдиқ намояд.

Муовини раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор — Норов М.С.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои биологи — Исмоилов М.И.